**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
_________ профессор Ғаффорӣ Н.У
«_17_» _03_ _______ соли 2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсия дар мавзӯи “Хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидаддини Фазлуллоҳ аз тарафи Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамирович дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамирович соли 2015 ба шуъбаи аспирантураи назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, онро соли 2018 хатм кардааст.

Роҳбари илмӣ - Ҷӯраев Ғаффор, доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Ба сабаби даргузашти роҳбари илмӣ бо қарори кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ аз 27. 09. 2018, суратҷаласаи №2 доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АИ ҶТ, Раҳматуллозода Сахидод роҳбари илмии диссертант таъйин гардид.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз 27. 05. 2016, қарори № 7/8.1 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ шуд:**

Муҳиммияти мавзӯъ, пеш аз ҳама, ба он асос меёбад, ки масъалаҳои гуногуни инкишофи таърихи забони адабии тоҷикӣ таваҷҷуҳи бештаре зоҳир гардида, доир ба осори манзуму мансури он мақолаву асар ва

рисолаҳои илмӣ таълиф шуда истодаанд. Аз ҷиҳатҳои мухталиф метавон ба осори адабӣ пардохт ва онҳоро мавриди баррасии забоншиносӣ қарор дод, то дар хусуси рушди марҳалаҳои гуногуни инкишофи забони адабии тоҷикӣ натиҷагириҳо намоем. Осори адабиёти классикӣ барои омӯзиши таърихи забони адабии тоҷик дар марҳалаву давраҳои гуногуни таърихи забон моводи арзишмандеро медиҳад. Бинобар ин, омӯзишу пажӯҳиши осори адабии дар ҳар як аср навишташуда барои илми забоншиносии имрӯз муфиду арзишманд аст.

Диссертатсия дар доираи нақшаи илмии кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ таҳия гардида, натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳое, ки КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР таъйид намудаанд, интишор гардидаанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таълиф.**

Мақсади таҳқиқ тасвири манзараи умумии забони форсии тоҷикӣ дар асри XIII – замони ҳамлаи муғул мебошад. Нишон додани рушду инкишофи забони тоҷикӣ дар ин давра, баррасии вижагиҳои луғавию маъноӣ ва калимасозии забон дар мисоли "Ҷомеъ-ут-таворих" ҳадафи асосии диссертатсия мебошад. Бо мақсади мушаххас гардонидани доираи таҳқиқ чунин вазифаҳо муайян гардидааст:

- ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани мавод аз матни «Ҷомеъ-ут-таворих»;
- муайян намудани мансубияти калимаҳо аз нигоҳи таърихию забонӣ;
- муайян кардани мавқеи калимаҳои аслии тоҷикӣ дар асар;
- муайян намудани калимаҳои иқтибосии арабӣ ва туркию муғулии асар;
- гурӯҳбандии калимаҳо ба категорияву қабатҳои луғавӣ;
- муайян намудани мавқеи этнонимҳо ва хусусиёти корбурди онҳо дар асар;
- таҳлилу баррасии вожагони асар аз рӯйи сохтор;
- муайян кардани нақши пасвандҳои калимасоз дар ғанӣ гардонидани таркиби луғавии асар;

- муайян кардани нақши воситаҳои калимасоз дар ташаккули калимаҳои мураккаб;

- муайян намудани аҳамият ва нақши “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидаддини Фазлуллоҳ дар ташаккули таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ.

Маводи ин диссертатсия матни “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидаддин Фазлуллоҳ буда, зиёда аз 1300 барга ҷамъоварӣ гардидааст.

Зимни баррасӣ аён гашт, ки муҳаққиқ дар рафти пажӯҳиш аз асарҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ – Н. Маъсумӣ, Ш. Ниёзӣ, М. Н. Қосимова, Ҳ. Маҷидов, Б. Камолиддинов, Д. Саймиддинов, Ш. Рустамов, Д. Хоҷаев, А. Ҳасанов, М. Саломов, О. Қосимов, С. Раҳматуллозода, В. С. Расторгуева, Д. Эделман, Л. С. Пейсиков, Маликушшуаро Баҳор, Парвиз Нотили Хонларӣ, Муҳсин Абулқосимӣ, Ҳасан Ризои Боғбедӣ ва дигарон истифода намудааст.

**Нововарии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик вижагиҳои луғавию маъноӣ ва калимасозии яке аз беҳтарин таърихномаҳои форсии тоҷикӣ – “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидаддини Фазлуллоҳ ба сурати монографӣ мавриди таҳқиқу баррасии забоншиносӣ қарор гирифта, ҷанбаҳои лексикологии забони ин асар дар шаклгирии насри таърихии форсии тоҷикӣ ба таври илмӣ таҳқиқ мегардад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ.** Таҳқиқу таҳлили вижагиҳои луғавию маъноӣ ва калимасозии “Ҷомеъ-ут-таворих” аз як тараф, агар барои баррасиҳои забоншиносӣ зарур бошад, аз тарафи дигар, барои омӯзишу пажӯҳиши хусусиятҳои забони форсии асри XIII мусоидат хоҳад кард. Кор метавонад дар пажӯҳишҳои ҷамъбастии хусусиятҳои забони форсии асри XIII-XIV чун таҳқиқоти илмии забоншиносӣ истифода шавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки натоиҷи онро метавон дар таҳияи грамматикаи таърихии забони тоҷикӣ, тартиб додани луғатҳои тафсирӣ ва калимасозии забони тоҷикӣ ва ҳамчунин дар таълифи китобҳо ва дастурҳои таълимии марбут ба грамматика ва таърихи забони

адабии тоҷикӣ истифода кард. Маводи диссертатсияро метавон дар дарсҳои лексионию амалии донишгоҳҳо ва донишкадаҳои филологӣ барои гузаронидани фанҳои тахассусии забоншиносӣ, таърихи забони адабӣ ва номшиносӣ (ономастика) ба кор бурд.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи мазкур, бешубҳа, кори илмии мукаммал ва анҷомёфта буда, аз рӯйи мақсад ва муҳтаво ба ихтисоси 10.02.01. – забони тоҷикӣ мувофиқ аст.

Кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ диссертатсияи Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамировичро кори илмии баанҷомрасидаи мукаммалу мубрам меҳисобад. Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст. Фишурдаи диссертатсия ва 3 мақолаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумори мақолаҳои чопшудаи диссертант ҳамаашон дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР интишор гардидаанд:


[1]. Хоҷамиров М. Х. Номи қавмҳо дар "Ҷомеъ-ут-таворих" // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 4/14 – Душанбе: Сино, 2017. – С. 73-76.

[2]. Хоҷамиров М. Х. Қабатҳои лексикии луғати "Ҷомеъ-ут-таворих"-и Рашидаддини Фазлуллоҳ // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. № 3 (80) – Душанбе, 2019. – С. 43-45.

[3]. Хоҷамиров М. Х. Корбурди калимаҳои туркию муғулӣ дар "Ҷомеъ-ут-таворих"-и Рашидаддини Фазлуллоҳ // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. № 3 (86) – Душанбе, 2020. – Душанбе, 2020. – С. 13-17.

[4]. Хоҷамиров М. Х. Калимасозии пасвандҳои – гоҳ ва -истон дар “Ҷомеъ-ут-таворих” Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон. № 4 (87) – Душанбе, 2020. – С. 55-59.

Бинобар ин, диссертатсияи мазкурро аз рӯи ихтисоси 10.02.01. – забони тоҷикӣ барои дифоъ тавсия менамояд.

Иштирок доштанд: 14 нафар:

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 14 нафар, “зид” - нест, “бетараф” - нест.

Қарори № 8 аз 27.03.2020.

E-mail: aziz_mirboboev@mail.ru
Тел.: + 992935846542

Раисикунанда: Мирбобоев Азизхон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Котиб: Зоитова Моҳира

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
E-mail:tgpu@mail.ru
www.tgpu.tj

Имзои Мирбобоев Азизхон ва Зоитова Моҳираро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Назаров Давлатхон